«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои биология,
профессор, Давлатзода С.Х.
аз “15” 01 соли 2021

**ХУЛОСАИ**

**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”**

Рисолаи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII» дар ҷаласаи васеи кафедраҳои алгебра ва геометртия ва таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” анҷом ёфтааст.

Тиллобаева Салима Махмадалиевна соли 1990 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси математика - физика хатм кардааст.

Тиллобаева С.М. аз 10-уми октябри соли 2008 барои гузаштани коромӯзии илмӣ ба кафедраи алгебра ва геометрия ба муддати як сол фиристода шуд.

24-уми декабри соли 2012 бо қарори №5 Шӯрои олимони ДДҚ ба номи Носири Хусрав мавзӯи рисолаи номзадияш бо номи “Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII” тасдиқ карда шуд.

Дар марҳилаи омодасозии диссертатсия унвонҷӯ Тиллобаева С.М. дар кафедраи алгебра ва геометрия Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси омӯзгор ба фаъолияти илмӣ-педагогӣ машғул буд.

Роҳбари илмӣ - Сатторов Абдурасул Эшбекович, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, номзади илмҳои физикаю математика мебошад.

Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи пешакӣ ба рисолаи Тиллобаева С.М. дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII» чунин хулоса ироа гардид:

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур аз омӯзиш, таҳқиқ ва инкишофи донишҳои геометрӣ иборат буда, ҷанбаи таърихӣ-геометрӣ дорад ва дар ҳамгироии донишҳои таърихӣ ва геометрӣ таълиф гардида, пурра ҷавобгӯи тахассуси таърихи илм мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот вобаста аз ҳадафҳои дар пешгузошта муайян гардидааст, ки мушаххасан ба таври зайл аст.

***Вазифаҳои таҳқиқот***:

- характеристикаи асосӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмии олимони ҷудогонаи форсу тоҷики Осиёи Марказии асрҳои IX-XVII, минҷумла онҳое, ки на он қадар маъруфанд, дастовардҳои муҳимми фаъолияти илмии онҳо доир ба фанни геометрия, ки саҳми арзандае дар ганҷинаи илмҳои дақиқ, аз ҷумла илмҳои математикӣ мебошанд.

- омӯзиши ҳаматарафа ва амиқи мероси эҷодии олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ доир ба илми геометрия имкон медиҳад, ки нақши олимони ин давра дар инкишофи илми геометрия муайян карда шавад.

- истифодаи назарияи геометрии давраи мавриди таҳқиқ қарор гирифта дар масъалаи амалӣ ва татбиқӣ, инчунин нишон додани истифодаи онҳо дар таҳқиқотҳои астрономӣ, ҳамзамон дастовардҳои онҳо ба рушди соҳаи геометрия мусоидат мекунад.

Мавзӯи рисолаи Тиллобаева С.М. фарогири як қисми барномаи илмӣ-таҳқиқотиест, ки аз тарафи кафедраи алгебра ва геометрия ба қайд гирифта шудааст.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи геометрия), ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 04.12.2018, таҳти рақами 146 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Тиллобаева С.М. дар 22 мақолаву гузоришоти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз ҷумла 2 дастури таълимӣ, 7 мақола дар маҷаллаҳои тасдиқшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва 13 мақолаҳо дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмуну мундариҷа ва мавзӯи баррасишаванда бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишороти унвонҷӯ Тиллобаева С.М. натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи рисолаи мазкур аз пажӯҳишоти илмии таърихи геометрия дар мисоли корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон, монанди ал-Хоразмӣ, Абурайҳон Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абунасри Форобӣ ва ғайра, ки дар рушди илмҳои дақиқ дастовардҳои зиёд ба даст овардаанд, нишон медиҳад ва дар рушди дигар илмҳо монанди тригонометрия ва астрономия нақши бузург дорад, нишон додааст , бо хулосаву тавсияҳояш асоснок гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилкардаи муаллиф дар хулосаҳои ҷамъбастии рисолааш ифода ёфтаанд, ки пурра ифодакунандаи фарзия ва мақсаду вазифаҳои баррасишавандаи таҳқиқоташ мебошанд ва дар доираи мавзӯи мазкур ҳалли худро ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия дар мутобиқату мувофиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии пажӯҳиши муаллифро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ ба ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи геометрия) мувофиқ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Тиллобаева С.М. дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-

XVII » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи геометрия) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046, ки дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав амал мекунад, пешниҳод карда мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Тиллобаева С.М. дар асоси таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳои таърихи геометрия таҳия гардида, дар асоси омӯзиш таҳлил ва хулосабарориҳи мантиқӣ амалӣ гардидааст.

**Пойгоҳи асосии пажӯҳишоотии таҳқиқотро** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ташкил медиҳад.

**Марҳилаи якум (солҳои 2009-2012)** – шиносой бо маводе, ки дар бораи вазъияти омӯхта шудани таҳқиқотҳои геометрӣ дар корҳои олимони табиатшиноси Осиёи Марказии асрҳои IX – XVII маълумот медиҳанд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2012-2015)** омӯзиши корҳои геометрии олимони табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Марказӣ, хусусиятҳои вижаи онҳо дар ҳошияи таърихи инкишофи илмҳои математикӣ ва татбиқи амалӣ ва астрономии масъалаҳо.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2015-2021)** – муайян кардан, систематикунонӣ ва баёни мавод дар бораи инкишофии таърихии ғояҳои геометрии олимони табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Марказӣ; муайян кардани мавзӯъ дар пайдарҳамӣ, коркард ва тафсири маводи ба даст овардашуда, таҳияи хулоса ва тавсияҳо.

**Навоварии илмии кор** аз он иборат аст, ки ин аввалин таҳқиқоти рисолавӣ доир ба омӯзиши таърихи инкишофи геометрия дар корҳои олимони табиатшиноси асримиёнагии Осиёи Марказии асрҳои IX-XVII буда, дар он:

-таҳлили мукаммали таҳқиқотҳои олимони табиатшиноси давраи таҳқишаванда доир ба геометрия гузаронида шуд;

- корҳои геометрии олимон, аз қабили Абурайҳон ал-Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абунаср ал-Форобӣ, Насриддини Тусӣ, Умари Хайём ва олимони мактаби илмии Самарқанд Улуғбек, Алии Қушчӣ, Ҷамшеди Кошонӣ (XIV-XV) ва дигарон баён карда шудаанд;

-хусусиятҳои вижаи таҳқиқотҳои геометрии олимони табиатшиносӣ ин давра зикр карда шудаанд;

- татбиқи амалии таҳқиқотҳои геометрии олимони даври таҳқиқшаванда дар ҳалли масъаллаҳои мушаххаси амалӣ ва инчунин таҳқиқотҳои астрономӣ омӯхта шуданд.

**Нуқтаҳои асосие, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод менамояд:**

- тавсифи асосии ҳаёт ва фаъолияти илмии донишмандони алоҳидаи форсу тоҷики Осиёи Миёна ва Эрони асрҳои IX-XVII ва аз он ҷумла донишмандони на он қадар маъруфи ин давра, ки дастоварҳои арзишманди илмии онҳо доир ба геометрия ба хазинаи илмҳои дақиқ саҳми арзишманде ворид кардаанд;
- омӯзиши ҳаматарафа ва амиқи мероси эҷодии донишмандони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон дар соҳаи геометрия имкон хоҳад дод, нақши донишмандони ин давра дар рушди геометрия муайян карда шавад;
- истифодаи назарияи геометрии давраи таҳқиқот дар масъалаҳои амалию татбиқӣ, инчунин нақши онҳо дар татбиқу таҳқиқотҳои астрономӣ ва дастовардҳои донишмандони ин давра ба рушди соҳаи геометрия мусоидат мекунад.

**Аҳамияти назариявии рисола.** Натиҷаҳое, ки пас аз гузаронидани таҳлили дастаҷамъонаи корҳо доир ба геометрияи олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ба даст омадаанд, барои илми таърихи геометрияи муосир назаран хеле муҳим аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Нукот ва хулосаҳое, ки дар рисола гирд оварда шудаанд, метавонанд минбаъд барои омӯзиши таърихи математика, аз ҷумла геометрияи асрҳои миёна таҳқиқотҳои бунёдӣ доир ба таърихи математика, корҳои илмӣ ва дипломӣ мавриди истифода

қарор бигиранд

Маводҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омаданд, метавонанд дар таҳияи барномаи курси «Таърихи математика» дар донишкадаҳои педагогӣ зимни хондани маърӯза доир ба таърихи математика ва таҳияи курс ва семинарҳои махсус доир ба математикаи асрҳои миёна ва дар мактабҳои олии педагогӣ ҷумҳурӣ, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф мавриди истифода қарор бигиранд. Инчунин, онҳо барои кормандони педагогӣ ва илмӣ, ки дар фаъолияти худ арзишҳои илмӣ, маънавӣ ва мадании халқҳои Осиёи Миёна ва аз ҷумла Тоҷикистонро мавриди истифода қарор медиҳанд, муфид бошад.

**Татбиқи (апробатсияи) натиҷаҳои илмии таҳқиқот**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли хаттию шифоҳӣ дар семинарҳо ва ҷаласаҳои кафедраҳои алгебра ва геометрия ва ҷаласаи махсуси Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва техникаи назди ДДБ ба номи Носири Хусрав, дар конференсияҳои минтақавӣ, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ва маҷаллаву маҷмӯаҳои гуногуни ватанию хориҷӣ инъикос ёфтаанд.

## НУҚТАҲОИ АСОСӢ ВА ХУЛОСАҲОИ РИСОЛА ДАР ТАЪЛИФОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### I. Дастурҳои таълимии банашррасида:

[1-М]. **Тиллобаева С.М.** Тарбия аз нигоҳи олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ (асрҳои IX-XIII). [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллабоева, Қ. Фатҳуллоев // Душанбе: Нодир, 2010. – 44 с.

[2-М]. **Тиллобаева С.М.** Саволномаи тестӣ аз фанни геометрия. Қисми 2. [Матн] / А.Э. Сатторов, А.С. Хоҷаев, С.М. Тиллабоева // Душанбе: Ирфон, 2017. – 91с. ISBN 978-99975-0-685-6.

### II. Мақолахое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[3-М]. **Тиллобаева С.М.** Ученые Центральной Азии средневековья о науке и научном образовании [Текст] / А. Э. Сатторов, С. М. Тиллабоева, Х. Мақсадов // Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ (ДДҚ ба номи Носири Хусрав). – 2008. – №3. – С.82-85.

[4-М]. **Тиллобаева С.М.** Абунасри Форобӣ ва илми геометрия [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллабоева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. (Нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ). – 2011. – №1. – С.3-5.

[5-М]. **Тиллобаева С.М.** Теория параллелей в трудах исламских средневековья [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева, М. Туйқулова, // Ученые записки Худжандского госуниверситета им. Б. Гафурова. – Худжанд. – 2014. – №2 (29). – С.146-149.

[6-М]. **Тиллобаева С.М.** Аз таърихи инкишофи геометрия дар асрҳои миёна. [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмҳои табиӣ). – 2019. – № 2/4 (69). – С.93-95.

[7-М]. **Тиллобаева С.М.** Рушди илмҳои математика дар давраи истиқилолият [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2020. – №1-3(77). – С.131-133.

[8-М]. **Тиллобаева С.М.** Оид ба зинаҳои рушди илмҳои геометрия. [Матн] / А.Э. Сатторов, А. Хоҷаев, С.М. Тиллобаева // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2020. – №1-2(74). – С.142-145.

[9-М]. **Тиллобаева С.М.** Из истории развития науки геометрии в средневековой Средней Азии [Матн] / С.М. Тиллобаева // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – №3. – С.74-81. (ISSN 2074-1847).

### III. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:

[10-М]. **Тиллобаева С.М.** Баъзе масъалаҳои тарбия аз назари олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маориф ва фарҳанги техникӣ «Нақши маориф ва фарҳанги техникӣ дар таълиму тарбияи насли ҷавон», (17-18 июни 2010). – С.104-108.

[11-М]. **Тиллобаева С.М.** Из истории развития тригонометриии в средневековой Центральной Азии [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ «Проблемаҳои муосири илмҳои дақиқ ва таълими онҳо», бахшида ба 75- солагии профессор Ҷ. Шарифов, (10-11октябри с. 2014). – С.295-296 .

[12-М]. **Тиллобаева С.М.** О взгляде средневековых персидско-таджикских естествоиспытателей на професию учителя [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Масъалаҳои равоншиносӣ

ва омӯзгорӣ (ДДҚ ба номи Носири Хусрав). – 2008. – №4. – С.22-25.

[13-М]. **Тиллобаева С.М.** Из история развития геометрии в средневековой Средней Азии [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Сборник научных трудов участников международной конференции «Интеграционные прогрессы в естественнонаучном и математическом образовании» – М.: РУДН, 2013. – С.311-313 .

[14-М]. **Тиллобаева С.М.** Геометрия в трудах средневековых персидско-таджикских ученых [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмӣ - назариявии ҷумҳуриявӣ «Рушди илму маориф дар замони муосир» бахшида ба 25- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // ДДҚ ба номи Носири Хусрав, Қӯрғонтеппа, 2016.- С.196-198.

[15-М]. **Тиллобаева С.М.** Аз таърихи инкишофи геометрия дар асрҳои миёна [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Мушкилоти мубрами таълими фанҳои риёзӣ ва табиӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ» – Бохтар, 2018. – С.215-216.

[16-М]. **Тиллобаева С.М.** Масъалаҳои геометрия дар асари «Тавҳим»-и Берунӣ [Матн] / А.Э. Сатторов, А.С. Хоҷаев, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Истиқлолият таҳкимбахши давлати ҳуқуқбунёд». (29-30 июни соли 2011). – Қӯрғонтеппа, 2011. – С.246-251.

[17-М]. **Тиллобаева С.М.** Усули геометрии Умари Хайём дар ҳалли муодилаҳои кубӣ [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ «Масълаҳои муосири математика ва методикаи таълими он» бахшида ба 25 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (18-19 октябри 2019), Бохтар. – С.299-300.

[18-М]. **Тиллобаева С.М.** Аз таърихи пайдоиши тригонометрия [Матн] / С.М. Тиллабоева, А.Ш. Исмоилов, Х. Юсупов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Масоили мубрами математика ва таълими он». Бохтар, 2020. – С.508-510.

[19-М]. **Тиллобаева С.М.** Ҳалли муодилаҳои кубӣ бо усули Хайём [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмӣ- методии ҷумҳуриявӣ «Татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар ҳалли масъалаҳои муосир». – ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2001. – С.171- 173.

[20-М]. **Тиллобаева С.М.** Саҳми Муҳаммад ал-Хоразмӣ дар рушди илми геометрия [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ «Актуальные проблемы точных наук и информационных технологий. Российско-Таджикской (Славянский) университет. – 2001. – С.170 -172.

[21-М]. **Тиллобаева С.М.** Геометрия в трудах ибн-Сины [Матн] / А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева, А. Комили // Маводи конференсияи байналмилалӣ. «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана», посвящ. К 70- летию Победы в ВОВ, КТГУ им. Носира Хусрава, 2015. – С.174-177.

[22-М]. **Тиллобаева С.М.** О развитии тригонометрии в средневековой Средней Азии [Матн] /А.Э. Сатторов, С.М. Тиллобаева, //Материалы 6-й международной научно-теоретической конференции «Физико-химические основы получения и исследования полупроводников, композиционных и диэлектрических материалов», КГУ им. Абуабдуллох Рудаки, Куляб, 2014. – С.149-150.

Мундариҷаи асосии рисола дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои эътирогардидаи КОА назди, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА Вазорати маориф ва илми ФР ва инчунин дигар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоби Ҷумхурии Тоҷикистон ва берун аз кишвар дар шаҳрҳои Москва ва дигар шаҳрҳои Федератсияи Русия ба нашр расидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи назди Институти илмӣ-тадқиқотии таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва техникаи назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима шуда ба ҳимояи кушод тавсия гардидааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (дар асрҳои IX-XVII » кори илмӣ-тахассусии ба итмомрасидашуда буда, ба талаботҳои Низомнома дар бораи тартиби пешниҳод кардани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Рисолаи номзадии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX-XVII» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи геометрия) тавсия карда мешавад.

Хулоса аз тарафи кафедраҳои алгебра ва геометртия ва таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” омода гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст: “тарафдор” – 18 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Қарор дар суратҷаласаи № 6 аз 13 январи соли 2021 сабт гардидааст.

Раиси ҷаласаи васеи кафедраи
алгебра ва геометрия,
номзади илмҳои педагогӣ Хоҷаев А.М.

Профессори кафедраи алгебра ва геометрия,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

Доктори илмҳои физикаю математика,
профессор: Комилӣ А.Ш.

Котиби ҷаласа: Ҳаиталиева Р.Б.

Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик,
номзади илмҳои таърих, дотсент: Казаков Р.С.
Котиби ҷаласа: Мирзомуродова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи, Айнӣ 67
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО